**Созишнома**
**байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се давлат**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (минбаъд-тарафҳои Аҳдкунанда),

бо мақсади дақиқ ва муайян намудани маҳали ҷойгиршавии нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои се давлат,

тибқи Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Хитой аз 13 августи соли 1999, Созишномаи иловагии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Хитой аз 17 майи сои 2002, Қарордоди байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Шоҳигарии Афғонистон дар бораи сарҳади давлатӣ аз 22 ноябри соли 1963 ва Қарордоди байни Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиолистӣ ва Ҷумҳурии Демократии Афғонистон дар бораи гузариши хатти сарҳади давлатӣ дар қитъаи аз соҳили ғарбии кӯли Зоркӯл то қуллаи Повало-Швейковский аз 16 июни соли 1981,

ба мувофиқаи зерин расиданд:

Моддаи 1

Нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (минбаъд-нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатӣ), дар баландии бо нишонаи 5518.5 дар қуллаи Повало-Швейковский (Кэкэлацюйкаолэфэн), дар фосилаи 1.89 км шимол-шимолу ғарб аз баландии бо нишонаи 5484 дар қаламрави Ҷумҳурии Халқии Хитой буда, дар 5.66 км ҷануб-ҷанубу ғарб аз баландии бо нишонаи 4951 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар 3.14 км шарқ-ҷанубу шарқ аз баландии бо нишонаи 5365 дар қаламрави Ҷумҳурии Исломии Афғонистон буда, ҷойгир шудааст.

Координатҳои нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатӣ дар системаи координати соли 1942:

Росткунҷа: x=4122548.63 метр, y=13490270.43 метр, баландӣ H=5518.5 метр;

Ҷуғрофӣ: $37^0$ 14′02.1″ арзи шимолӣ, $74^0$ 53′25.3″ тӯли шарқӣ.

Нишондодҳои мазкур дар харитаи байни Тарафайн мувофиқашудаи миқёси 1:50 000, ки дар системаи координатҳои соли 1942 ва системаи баландиҳои балтик муайян шудааст. Маҳали ҷойгиршавии нуқтаи

пайвастшавии сарҳадҳои давлатӣ дар харитаи мазкур бо доирачаи сурх нишон дода шудааст.

Харитаи мазкур дар ин Созишнома замима гардида, ҷузви ҷудонашавандаи он мебошад.

Харитаи ба Қарордоди байни Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиолистӣ ва Ҷумҳурии Демократии Афғонистон дар бораи гузариши хатти сарҳади давлатӣ дар қитъаи аз соҳили ғарбии кӯли Зоркӯл то қуллаи Повало-Швейковский аз 16 июни соли 1981 замимашаванда, дар системаи координатҳои соли 1932 ва системаи баландиҳои Балтик тартиб дода шудааст.

Координатҳои нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатӣ дар системаи координати соли 1932:

Росткунҷа: X=4121666.8 метр, y=13490545.6 метр, баландӣ H=5518.5 метр;

Ҷуғрофӣ: $37^0$ 13′49.18″ арзи шимолӣ, $74^0$ 53′ 36.42″ тӯли шарқӣ.

Маҳали ҷойгиршавии нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатӣ дар ду харитаи номбаршуда дар маҳал мутобиқат мекунад.

## Моддаи 2

Тарафҳои Аҳдкунанда ба он тавофуқ карданд, ки муайян кардани ҷои дақиқи нуқтаи пайвастшавии

сарҳадҳои давлатӣ дар маҳал ва насби аломати сарҳадӣ дар ҳолати фароҳам шудани шароити мусоид барои ин кор амалӣ мегардад. Вақти дақиқи иҷрои он аз тариқи дипломатӣ мувофиқа карда мешавад.

## Моддаи 3

Ин Созишнома аз таърихи фиристодани огоҳиномаи охирини хаттӣ оид ба анҷом додани расмиёти дохилидавлатии Тарафҳои Аҳдкунанда, ки барои эътибор пайдо кардани он зарур аст, мавриди амал қарор мегирад.

Созишнома дар шаҳри Пекин «5» июня соли 2012 дар се нусха, ҳар кадом бо забонҳои тоҷикӣ, хитойӣ, дарӣ, русӣ ва англисӣ, ки дорои эътибори яксон мебошанд, ба имзо расонида шуд.

| | | |
|---|---|---|
| **Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой** | **Аз ҷониби Ҷумҳурии Исломии Афғонистон** |